ТАҚРИЗ

ба диссертатсия ва автореферати Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар мавзуи «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. - Душанбе, 2024. - 182 саҳ.

То ба имрӯз дар илми адабиётшиносии тоҷик даҳҳо асарҳои илмиро номбар намудан мумкин аст, ки ба таҳқиқи рӯзгор ва осори адибон бахшида шудаанд ва ин рисолаҳои илмӣ дар равшан намудани масъалаи мақоми адибон дар такомули шеъри форсии тоҷикӣ дар даврaҳои гуногуни адабиёти мо мақоми шоиста доранд. Дар ин замина, рисолаи диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Рустоӣ Мирзо Муҳаммад низ, ки ба мавзуи “Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ” бахшида шудааст, аз ҷумлаи онҳост.

Агарчи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар диссертатсияи мавриди назар осори мансур ва манзуми Сайид Нодиршоҳи Каёниро ба риштаи таҳқиқ кашида, анвои шеъри ӯро муайян намудааст, диққати худро бештар ба пажуҳиши ғазалиёти адиби мазкур равона кардааст.

Пажуҳиши ғазалиёти ин ё он шоир, агар аз як тараф, бо дарназардошти такомули рӯзафзуни илми адабиётшиносии муосир нигоҳи нави баррасиҳоро тақозо намояд, аз ҷониби дигар, мавҷудияти ғавру таҳқиқи зиёд дар ин масъала кори ҳар муҳаққиқро мушкил менамояд. Аммо, Рустоӣ Мирзо Муҳаммад тавонистааст, ки дар диссертатсия чигунагии банду басти ғазал, қофияву радиф, вазн, забон, тарзи баён ва хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёниро муайян намояд. Аз ин рӯ, **мубрамияти мавзуи мазкур**, агар аз як сӯй, нахустин бор мавриди таҳқиқ қарор гирифтани масоили марбути ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бошад, аз сӯйи дигар, дар он нукта зоҳир шудааст, ки масъалаи ба пажуҳиш кашидашуда сохтор, таркиб, мавзую мундариҷа ва хусусияҳои бадеии ғазалиёти ин шоирро фарогир аст (диссертатсия, с. 40-165).

Масъалаи таҳқиқи сухансанҷии осори бадеӣ дар адабиётшиносии мо нав нест, аммо баррасии он таҷриба ва омодагии шоистаро талаб мекунад. Диссертатсияи мавриди баҳси мо низ иқдоми хуб дар шинохти адиб Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ буда, баррасии осори ӯ, бавежа ғазалиёти шоир моро ба вижагиҳои шеърияти ин давраи адабиёти форсии тоҷикӣ ошно менамояд, ки ин кор аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар сатҳи хуб ба субут расонида шудааст.

Масъалаи дигаре, ки дар диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад ба чашм мерасад ва аз муҳассаноти кори таҳқиқотии ӯ ба шумор меравад, то ҷое муайян намудани забон ва тарзи баён, яъне сабки Сайид Нодиршоҳи Каёнист (диссертатсия с. 76-87). Зеро муайян намудани сабки ин ё он адиб низ кори саҳлу сода набуда, дар шинохти адабиёти адвори мухталифи адабӣ мақоми созгор дорад.

Аз ин ҷо, таҳқиқи монографии осори адибон дар илми адабиётшиносии тоҷик аз ҳар ҷиҳат **мубрам буда**, раванди такомули адабиётро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ равшан менамояд. Бидуни омӯзиши ин масъала муайян намудани такомули адабиёт дар даврaҳои таърихӣ мукаммал нахоҳад буд.

Матлаби ҷолиби дигар ин аст, ки дар диссертатсияи мавриди назар мавқеи ғазал дар осори адиб ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, муайян карда шудааст, ки як қисми асосии эҷодиёти Сайид Нодиршоҳи Каёниро ин жанри ғиноӣ ташкил медиҳад (диссертатсия, с. 23-39).

Навоварии илмии таҳқиқ аз он иборат аст, ки бори аввал роҷеъ ба зиндагинома ва осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ пажуҳиши илмӣ дар шакли рисолаи диссертатсионӣ сурат гирифта, дар он масъалаҳои рӯзгори адиб, мероси адабӣ, осори манзум ва мансур, анвои шеър ва мавқеи ғазал дар эҷодиёти ӯ, сохт, таркиб, мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти шоир, забон ва тарзи баён, вазн, қофияу радиф ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд (диссертатси с. 7).

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ. Дар рафти таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ муаллиф аз дастовардҳои назарию амалии адабиётшиносон ва равишҳои муосири илмӣ истифода кардааст, ки хулосаҳои ӯ барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои дигари адабиётшиносӣ ба сифати роҳнамои методологӣ хидмат хоҳанд кард.

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар мавзуи «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ **мувофиқат мекунад.**

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Довталаби дараҷаи илмӣ нахустин маротиба ба таври густарда масъалаҳои рӯзгору осор, анвои шеърӣ, баъзе вижагиҳои поэтикии ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёниро дар шакли диссертатсияи номзадӣ таҳқиқ ва ҷамъбаст намудааст. Масъалаи мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти шоир, забон ва тарзи баёни ӯ нахустин маротиба дар рисолаи мазкур ба таври густарда мавриди пажӯҳиши мустақил қарор гирифтааст. Маводди нашршуда матолиби меҳварӣ, ҳадаф ва вазифаҳои аслии таҳқиқ, натиҷа ва мазмуни комили диссертатсияро фаро гирифта, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуъ ба таври шоиста шарҳу тавзеҳ медиҳанд.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он аст, ки хулосаҳои диссертатсияро метавон барои таҳия намудани назарияи адабиёти форсии тоҷикӣ, густариши доираи таҳқиқи ҷараёнҳову мактабҳои адабӣ, такмили масъалаҳои бунёдии таърихи адабиёт аз қабили сабкшиносӣ, поэтика, фарҳангшиносӣ ва зебоишиносӣ ва ғайра истифода кард.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар баррасии монографии масъалаҳои рӯзгору осор, анвои шеърӣ, баъзе вижагиҳои поэтикии ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он дар раванди тадриси таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, фанни интихобӣ, курси махсуси

мактабҳои адабӣ ва ғайра барои донишҷӯёну магистрантони ихтисосҳои филологӣ, шарқшиносӣ, фарҳангшиносӣ ва таърих метавон истифода бурд.

Ҳамчунин, мавод ва натиҷаҳои илмии диссертатсияро метавон дар навиштани китобҳои дарсӣ, таҳияи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, таърихи афкори интиқодию зебоишиносӣ, рисолаҳои илмӣ, рисолаҳои хатми донишҷӯию магистрӣ, таҳияи лексия барои донишҷӯёни факултетҳои филологӣ, курсҳои махсуси адабиётшиносӣ ва маҳфилҳои мухталифи илмию адабӣ истифода кард.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, ду зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, руйхати адабиёт ва рӯйхати нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳаҷми умумии он 182 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

Дар **муқаддима**и диссертатсия талаботи пешбинишуда риоя гардида, муаллиф дар он роҷеъ ба мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифа ва объект ва предмети пажуҳиш сухан гуфтааст. Ҳамчунин, дар қисмати муқаддимаи диссертатсия доир ба аҳаммияти назариявию амалӣ ва навовариҳои таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва саҳми шахсии диссертант ҳарф зада шудааст.

Боби якуми диссертатсия «**Рӯзгор ва осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ**» унвон дошта, аз се фасл («Зиндагиномаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ», «Мероси адабии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ» ва «Анвои шеъри Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва мавқеи ғазал дар эҷодиёти ӯ») иборат аст.

Дар ин боб рӯзгору осор (мансуру манзум) ва анвои шеърии адаиб ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, мақоми ғазал дар эҷодиёти ӯ муайян гардидааст.

Муаллиф дар ин боб ба хулосае омадааст, ки «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ на танҳо роҳбари хирадманди мардумӣ, балки як адиби нуктасанҷ ва шоири хушқареҳа ва як чеҳраи неки фарҳангӣ ва сиёсии замони худ будааст.

Дар баррасии осори мансур ва манзуми адиб дида мешавад, ки масоиле чун озодандешӣ, адолатҷӯйӣ, инсонгароӣ, фурутанию тавозуъ, беҳбудии ҷомеа, нигаронӣ ва нобаробариҳои иҷтимоӣ ва ғайра мавриди таваҷҷуҳ ва диққат қарор гирифтааст» (диссертатсия с.38-39).

Боби дуюми диссертатсия «**Сохт ва мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ**» унвон дошта, аз се фасл («Сайри таҳаввули ғазал то замони Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ», «Сохт ва таркиби ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ» ва «Мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ») иборат аст.

Муаллиф дар ин боб ба хулосае омадааст, ки «оғози ривоҷи ғазал қарни шашум буда, ки тайи чандин аср шуарои бузурги ҳавзаи адабии форсӣ дар ин санъати шеърӣ табъозмоӣ кардаанд.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки дар замони худ низ дар радифи шоирони ғазалсарои Афғонистон қарор мегирад, ғазалиёт ва сурудаҳояш бархурдор аз андеша, тахайюл ва мазомини олӣ буда ва ороёҳо, таркиботи ҳунарӣ ва анвои саноеъи бадеӣ дар он ба мушоҳида мерасад ва ҳамин тавр рангорангии мавзуот, ба вижа ҳузури масоили ғиноӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ дар ғазалиёти вай ҷойгоҳи ӯро дар арсаи адабӣ ва сароиши шеър баланд бурдааст. (диссертатсия с. 74-75).

Боби сеюми диссертатсия «**Хусусиёти услубӣ ва бадеии ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ**» ном дошта, нуктаҳои меҳварии он дар се фасл («Забон ва тарзи баён», «Вазн, қофия, радиф» ва "Хусусиёти бадеӣ") баён шудаанд.

Муаллифи диссертатсия дар ин боб ба хулосае омадааст, ки «дар миёни ашъор ва сурудаҳои Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, ки як шай ба шайи дигар, чунон рабт дода шуд, ки дар зоҳири амр ташхиси он ба унвони мушаббеҳ ва мушаббеҳ биҳӣ, мушкил ба назар мерасад, аммо аз назари қаробат ва наздикии маъноӣ ва мафҳумӣ, манзури аслӣ аз нафси сухан ба даст меояд. Дар ин фаслҳо болои услуб ва равиши мавриди истифодаи шоир, ки умдатан таълимӣ ва ситоишӣ аст, сӯҳбат шуда ва ҳамин тавр дар заминаи корбурди

вожагон ва тариқу методи баён, авзони шеърӣ ва қисмате аз шохаҳои улуми балоғӣ бо ироаи мисолҳои фаровон аз девони ғазалиёти шоир, сатҳи тавонмандии вай ба хубӣ нишон дода шудааст» (диссертатсия 165).

Дар маҷмуъ, хулосаҳои муаллиф дар 5 банд дарҷ шуда, онҳо дар муайян намудани мақоми Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар густараи адаби форсии тоҷикӣ, сабку услуб ва маърифати шеърияти ӯ дорои аҳаммиятанд (диссертатсия, с. 166-169).

Хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ дар шакли гузоришу маърузаҳо муаррифӣ гардида, нуктаҳои асосии он дар 9 мақола инъикос ёфтаанд, ки 6-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтаанд. Мазмуну муҳтавои диссертатсия ва автореферат, ҳамчунин, мақолаҳои навиштаҳои муаллиф ба ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пурра **мутобиқат мекунанд** ва ба самтҳои афзалиятноки илм иртиботи қавӣ доранд.

Рӯйхати адабиёт дар асоси талабот ва меъёрҳо мураттаб гардидааст.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаи худро ба пуррагӣ иҷро карда, як пажӯҳиши комили илмиро барои ҳимоя пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ муносиб ва мувофиқ мебошад.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари комёбию муваффақиятҳои илмӣ, баъзе нуқсонҳо ба чашм мерасанд, ки зикрашон аз аҳаммият холӣ нест:

1. Дар диссертатсия ва автореферат ғалатҳои техникӣ, имлоӣ, услубӣ ва риоя нагардидани аломатҳои китобат ба чашм мерасанд (диссертатсия, с. 35, 36, 37, 165, 166, 167, 168, 170, 171).

2. Хулосаҳои боби дуюм ва сеюм то ҷое хусусияти хулосавӣ надоранд (диссертатсия с. 74, 75, 165).

3. Дар диссертасия гоҳе таркибҳое корбурд доранд, ки ба назар саҳеҳ наменамоянд. Масалан, ибораҳои «як чеҳраи неки фарҳангӣ» (диссертатсия с. 39), «бизоати илмӣ», «овозаи лозими шаън», «ростои кори адабӣ», «сароиши шеър» (диссертатсия с. 166).

4. Хулосаи умумии диссертасия, ба назари мо, комил нест. Он ҳамагӣ дар панҷ банд навишта шуда, 1,5 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад. Дуруст аст, ки метавон дар ин ҳаҷм хулосаҳои саҳеҳ ва марбути мавзуъро баён кард. Аммо дар ин хулосаи панҷбандаи диссертатсия доир ба як қатор масоили мавриди таҳқиқ қароргирифта, аз ҷумла анвои шеъри адиб, мавқеи ғазал дар эҷодиёти ӯ, сохт, таркиб, мавзую мундариҷа, вазнҳои шеърии бештар корбурдаи шоир, навҷӯйӣ дар қофия ва радиф, радифҳои ибтикорӣ ва ё корбурди радифҳои маъмулӣ ва хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ қариб, ки сухане ба чашм намерасад (диссертатсия с. 166-169).

5. Дар диссертатсия ба гурӯҳбандӣ дар рӯйхати адабиёти истифодашуда таваҷҷуҳи пурра зоҳир нагаштааст. Масалан, асари таҳқиқии Назриқул М. таҳти унвони "Муқаддимаи шеършиносӣ (вазни шеър, - Душанбе: Сино, 2004. - 79 с.), китоби Эҳсон Табарӣ бо номи "Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоӣ дар Эрон (. - Теҳрон, 1348. - 412 с. ва асари У. Тоҳиров таҳти номи "Каломи мавзун" (- Душанбе: Шарқи Озод, 2005. - 455 с.) ба номгӯйи сарчашмаҳо ворид карда шудаанд (диссертатсия с. 173, 174).

Камбудиҳое, ки зикрашон гузашт, моҳияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ба сифати мулоҳизоти тавсиявӣ манзур шудаанд.

Диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар мавзуи «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ба ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **мутобиқ мебошад**.

Ҳамчунин, диссертатсияи Рустой Мирзо Муҳаммад дар мавзуи «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ба ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор аст.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарипов
Шариф Раҳмонович

“28” августи соли 2024

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Саид Носир, 33, Тел.: (+992) 92 757 32 28:
E-mail: ssssharif@mail.ru

Имзои Ш.Р.Шариповро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров
Фаромуз Зоирхонович

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Саид Носир, 33 Телефон: (+992-37) 224-17-86;
факс: 224-17-87. E-mail: info@apa.tj
“28” августи соли 2024